# РАИСИ
# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

«4» октябри соли 2013 № 347 ш.Душанбе

**Оид ба дар таҳрири нав мавриди истифода қарор додани варақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

Бо сабаби қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, таҳти № 975 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 июли соли 2013 таҳти № 980 дар асоси талаботи моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Намунаҳои протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 1), қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 2), ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва гузориш оид ба ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 3), қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 4), қарор дар бораи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 5), протоколи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 6) дар таҳрири нав тасдиқ карда шаванд.
2. Варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол, қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки шакли нави онҳо бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 сентябри соли 2013 таҳти № 33/6 нд-226 сод (3) мувофиқа карда шудааст, аз 15 октябри соли 2013 мавриди истифода қарор дода шаванд.
3. Аз 15 октябри соли 2013 истифодаи варақаҳои протокол ва қарорҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз таҳти № 31 аз 25 январи соли 2013 тасдиқ ва нашр шудаанд, манъ карда шавад.
4. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2013 таҳти № 31 аз эътибор соқит дониста шавад.

5. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ (Ҷӯраев Ё.) оид ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас намудани варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар шакли нав тасдиқ шудаанд, тадбирҳо андешида, дар бораи хароҷоти варақаҳо ҳар семоҳа ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ ҳисобот пешниҳод намояд.

6. Сардорони Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки бо тартиб додани санади дахлдор бақияи варақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки истифодаи онҳо манъ гардидааст, ба Раёсати молиявию хоҷагидории Кумитаи андоз то 30 октябри соли 2013 баргардонанд.

7. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ ва Раёсати таъмини ҳуқуқӣ вазифадор карда мешаванд, ки дурустии бозпас гардонидани бақияи варақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба Кумитаи андоз назорат намоянд.

8. Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҳар семоҳа як маротиба то санаи сеюми моҳи минбаъда оид ба хароҷоти варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла оид ба варақаҳои аз эътибор соқитгардида ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод намоянд.

9. Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз риояи ҳатмии Фармоиши мазкур ва муқаррароти Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъмин намояд.

10. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ (Саидова М.) фармоиши мазкурро ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

11. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ Меликов М. Н. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**